آوازتاجیک

# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

6 июли соли 2022
Чоршанбе
№ 54 (14859)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ДАР БОРАИ СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНИИ ПРЕЗИДЕНТОНИ ЎЗБЕКИСТОН ВА ТУРКИЯ

***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 5 июл бо Президенти Ҷумҳурии Туркия Реҷеп Таййип Эрдоған суҳбати телефонӣ анҷом дод.***

Пешвоён ҷараёни татбиқи қароррдодҳоеро муҳокима намуданд, ки дар ҷамъомади дуюми Шӯрои шарикии стратегӣ, ки моҳи марти соли ҷорӣ дар Тошканд баргузор гардида буд, ба тавофуқ расида буданд.

Президенти Туркия аз саъю талошҳои роҳбари давлати мо ҷиҳати таъмини сулҳ, субот ва рушди устувор дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон изҳори ҷонибдории қатъӣ кард.

Масъалаҳои вусъат додани муносибати бисёрҷанбаи Ӯзбекистону Туркия, пеш аз ҳама дар соҳаҳои тиҷорату иқтисодиёт, сармоягузорӣ, нақлиёту коммуникатсия ва маданиву инсонпарварӣ баррасӣ гардиданд.

Аҳамияти пеш бурдани лоиҳаҳои дуҷониба дар соҳаҳои савдо, нақлиёт, саноат, хоҷагии қишлоқ ва дигар ҷанбаҳо таъкид гардид.

Инчунин табодули афкор дар бобати ҳамоишиояндаи Созмони давлатҳои туркӣ, ки моҳи ноябри соли 2022 дар шаҳри Самарқанд баргузор мегардад, ба вуқӯъ пайваст.

Роҳбарони давлатҳо ҳамдигарро бо фаро расидани ҷашни Иди қурбон табрик намуда, ба халқҳои бародари мамлакатҳоямон фароҳмандӣ ва шукуфоӣ таманно намуданд.

**ЎзА.**

## СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНИИ ПЕШВОЁНИ ЎЗБЕКИСТОН ВА РУСИЯ

***5 июл суҳбати телефонии байни Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин ба вуқӯъ пайваст.***

Дар аввали суҳбат Президенти Русия нисбати чорабиниҳои қатъие, ки роҳбари давлатамон бинобар ба субот овардани вазъият дар Қароқалпоқистон андешидааст, изҳори дастгирӣ намуд.

Масъалаҳои минбаъд мустаҳкам намудани муносибати шарикии стратегӣ ва иттифоқии Ӯзбекистону Русия, вусъат бахшидани ҳамкории бисёрҷанбаи ду мамлакат баррасӣ гардиданд. Ба татбиқи амалии қарордодҳое, ки зимни мулоқот дар дараҷаи олӣ дар шаҳри Маскав моҳи ноябри соли гузашта ноил гаштаанд, эътибори алоҳида нигаронда шуд.

Бо қаноатмандии том фаъолсозии робитаҳои дуҷониба ва табодули тарафайн таъкид гардид. Аз аввали сол ҳаҷми савдои ҷонибҳо ба 35 фоиз афзуд. Татбиқи лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ ва барномаҳои ҳамкориҳои маданиву инсонпарварӣ идома дорад.

Инчунин табодули афкор бинобар масъалаҳои мавзӯи минтақавӣ ба вуқӯъ пайваста, ҷадвали чорабиниҳои оянда, аз он ҷумла дар доираи ҷамъомади навбатии Шӯрои сарони давлатҳои узви СҲШ дар шаҳри Самарқанд баррасӣ гардид.

**ЎзА.**

*Соли 2006 корхонаи саҳҳомии ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Қӯнғирот сода заводи» сохта ба кор шурӯъ намуда буд. Мақсади завод азнавкоркарди ашёи хоми маҳаллӣ ва бо ин роҳ ташкил намудани истеҳсоли маҳсулоти кимёвии воридотбоб, қонеъ намудани эҳтиёҷи хоҷагии халқро бо содаи омехтаи калсий иборат аст. Соли гузашта аз ҷониби корхона нақшаи фурӯши ин навъи сода барзиёд иҷро гардид. Дар бозори дохилӣ ба миқдори 411 миллиард сӯмина 138,7 ҳазор тонна маҳсулот, ба бозори беруна бошад, ба миқдори 6,2 миллион доллари ИМА 35,2 ҳазор тонна маҳсулот фурӯхта шуд.*

*Дар шаҳрчаи «Элобод»-и ноҳия корҳои сохтмонӣ доир ба барпо намудани мавзеи «Ӯзбекистони Нав», ки аз 20 хонаву ҷойи панҷошёнаи намои замонавӣ иборат аст, аллакай оғоз ёфтааст. Дар ин мавзеъ иншоотҳои муассисаи таълими томактабӣ, мактаб, маҷмӯаи солимгардонӣ, инфрасохтори бозор ва дигар самтҳо низ ҷойгир карда мешаванд. Дар асоси лоиҳа дар ин мавзеъ барои ҷамоати шаҳрвандони шаҳрча 200 гектар замин ҷудо карда шудааст, дар он бунгоҳи тиббӣ ва идораи маҳалла қад рост хоҳад кард.*

***Дар акс:*** *дар корхонаи «Қӯнғирот сода заводи».*

***Аксбардор: М.ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***



**Пурсиши иҷтимоӣ:**

***Ҳангоми татбиқи ислоҳоти конститутсионӣ пеш аз он ки ба фаъолияти қонунгузорӣ оғоз намоянд, бояд ба омӯзиши афкори умум таваҷҷуҳи махсус дода шавад.***

## 88 ФОИЗИ ПУРСИДАШУДАГОН АЗ ИСЛОҲОТИ КОНСТИТУТСИОНӢ ХАБАРДОРАНД

Ин имкон медиҳад, ки эҳтиёҷот ва манфиатҳои ҳам шаҳрвандони алоҳида ва ҳам умуман ҷамъияти шаҳрвандӣ инъикос карда шавад.

Ба ин муносибат Маркази ҷумҳуриявии омӯзиши афкори умум «Ижтимоий фикр» бахшида ба омӯзиши афкори умум вобаста ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсия, зарурати такмили он мутобиқи талаботи замон, фароҳам овардани пойгоҳи ҳуқуқӣ барои марҳилаи нави рушди кишварамон тадқиқоти ҳамаҷониба гузаронд.

Маълумотҳои бадастомада имкон медиҳад, ки самаранокии ислоҳоти конститутсионӣ баланд гардад, ба Конститутсияи амалкунанда, ки ба мақсадҳои рушди устувори Ӯзбекистони Нав ҷавобгӯ буда, ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои зиёди одамон ҳидмат мекунад, тағйироти сифатан нав, муҳим ва васеъмиқёс ворид карда шавад.

Тавре ки тадқиқот нишон дод, 88 фоизи пурсидашудагон аз раванди ҷамъ овардани пешниҳодҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон умуман огоҳанд.

Ин аз ҷалби ҷомеаи васеъ ба раванди мазкури сиёсӣ, ки дар мамлакат ҷараён дорад, ҳисси дахлдорӣ ва масъулияти шаҳрвандон барои тақдири давлат шаҳодат медиҳад.

Аксарияти пурсидашудагон – 83 фоиз – аз ислоҳоти конститутсионӣ ҷонибдорӣ намуда, зарурати такмили Қонуни Асосиро дар воқеияти имрӯз эътироф мекунанд. Чи хеле ки нишондиҳандаҳои пурсиш нишон доданд, 76 фоизи пурсидашудагон аз фаъолияти Комиссияи конститутсионӣ хабардоранд.

**(Давомаш дар саҳ.2).** ⇨

**Муносибат**

## БАНИ ОДАМ АЪЗОИ ЯКДИГАРАНД...

***Воқеаҳои нохуши Қароқалпоқистон мо, омӯзгоронро низ ба ҳайрат гузошт, аниқтараш мушавваш кард. Аз тааҷҷуб гиребон доштем. Зеро солҳои охир бо ташаббусҳои сарвари давлат кишвар рӯз аз рӯз ободу зебо мегардад, барои аз дигар эҳё кардани баҳри Арал саъю кӯшиш карда мешавад. Ба ин иқдоми нек дар қатори дигар вилоятҳои Ӯзбекистон Самарқанди бостонӣ низ саҳм мегирад.***

Тавассути расонаҳои ахбор огоҳ ҳастем, ки техникаи пуриқтидор дар қарибии баҳри Арал кор мебаранд, барои бо дарахтони ба обу ҳавои дашт тоқатовар сабзпӯш кардану нигоҳ доштани намигарӣ ва пешгирии регкӯчиву намакпӯшшавӣ саъй мекунанд.

Садҳо нафар самарқандиён низ дар ин кори неку хайр саҳмгузор шуданд.

Имрӯзҳо низ дар ноҳияи Мӯйноқ корҳои ободонӣ дар авҷ буда, дар онҳо ҳамватанони ман кӯмаки беғаразона мерасонанд.

Боварам комил аст, дар ангезондани ин низоъ душманони хориҷии мо «саҳм» доранд. Онҳо аз комёбиҳои назарраси мо ҳасад мебаранд. Зеро мебинанд, ки бинобар сиёсати дурандешонаву хирадмандонаи Президенти мамлакат тамоми қаламрави Ӯзбекистон гулгул шукуфта истодааст. Аз ин Ҷумҳурии Қароқалпоқистон истисно нест.

Албатта, ин тоифаи нопоку бадамал ҷазои муносиб хоҳанд гирифт. Вале, тавре ки модаркалонам таъкид мекарданд, аз хонадоне, ки як рӯз ҷанҷол хестааст, чил рӯз барака мепарад.

Воқеан дар мактаби мо, ки замоне нахустин Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов сабақ гирифтааст, ҷамоаи педагогӣ ҷамъ омада, воқеаҳои пойтахти Қароқалпоқистонро якдилона маҳкум карданд.

Зеро ба таъбири Шайх Саъдии бузург:

*Бани одам аъзои*
*якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як*
*гавҳаранд*
*Чу узве ба дард*
*оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад*
*қарор.*

**Сабиҳа РАҶАБОВА,**
**сарвари мактаби миёнаи рақами 21-уми шаҳри Самарқанд.**

Лоиҳаи Қонуни Асосӣ – дар муҳокима

## ИСЛОҲОТИ КОНСТИТУТСИОНӢ ТАЛАБИ ДАВРУ ЗАМОН

***Ба Қонуни Асосӣ тағйироту иловаҳо ворид карда мешаванд ва ин кор бори нахуст дар мамлакати мо ба худи халқ ҳавола карда шудааст. Дар ин раванд намояндагони тамоми қишрҳои ҷомеа фикру мулоҳизаи хешро баён ва оид ба вориди тағйироту иловаҳо пешниҳодҳои худро ироа менамоянд. Ин бесабаб нест, зеро мамлакатамон ба сӯи демократия ва ошкорогӯӣ меравад.***

Ман низ ҳамеша бар ин фикр будам, ки вақти такмили ҷиддии Конститутсия расидааст ва бархе аз камбудиву нуқсонҳои он, ки ба талаби замон ҷавобгӯ нестанд, бояд бекор шуда, ҷои онро моддаҳои ифодакунандаи орзуву ормонҳои мардум ишғол намоянд. Хеле хуб аст, ки дар модди аввал шаффофияти қонунҳо ва инъикоси манфиатҳои мардум меистанд. Дар ин замина мардуми зиёд аз тариқи расонаҳои мухталиф ва саҳифаҳои шабакаҳои интернетӣ андешаҳои худро баён мекунанд. Ҳатто баъзе одамонро медонам, ки чунин суол медиҳанд: “Магар Конститутсияи мо ба меъёрҳо ва талаботи имрӯз ҷавоб дода наметавонад?”

Ман тавассути ин мақола бархе аз фикру ақидаамро нисбати ин мавзӯъ ва вокунишҳоям дар қиболи шароиту имкониятҳои васеъ манзури муштариёни “Овози тоҷик” мегардонам, ки алҳол барои ширкат дар ин раванди басо муҳим ва таърихӣ фароҳам оварда шудаанд. Қобили таҳсин мебошад, ки таҳти раисии Акмал Саидов барои омӯхтани фикру мулоҳизаҳо комиссияи бонуфуз ташкил шудааст. Дар баробари ин, барои қабули дархосту мурожиатҳои мардум хидмати алоқа роҳандозӣ гардидааст. Ба гуфтаи А.Саидов кишварамон дар ҳамин ҳол роҳҳои ворид кардани тағйироту иловаҳоро пеш гирифтааст ва ин ҳодисаи беназир аст.

– Мақсади Комиссияи конститутсионӣ таъмини баррасии пешниҳоди ҳар як шаҳрванд ва ҳар як ташкилот мебошад. Таклифу дархостҳои худро мардум метавонанд аз тариқи вебсайти meningkonstitutsiyam.uz фиристанд, ки мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ин платформаест, ки барои ироаи таклифу дархост ҳеч кас аввал сабти ном намешавад ва мустақиман назари худро тақдим менамояд, – гуфт дар ҷамъомади комиссия Акмал Саидов.

Яке аз ҷиҳатҳои дигаре, ки қобили таваҷҷуҳ мебошад, ҷамъовари овозҳои зиёди ин ё он фард, бидуни монеа хондани фикру мулоҳизаҳои вакилони халқ мебошад, ки дар шабакаҳои интернетӣ аз худ боқӣ гузоштаанд. Ба таври мисол, зимни фикрҳониҳо омадааст, ки агар касе ба содири ягон ҷиноят гумонбар шуда бошад, то тасдиқи он набояд дар боздоштгоҳ ба сар барад. Вай инчунин метавонад вакили мудофеъ гирад ва аз усулҳои гуногуни қонунӣ истифода намояд, ки барои ҳимояи ӯ зарур мебошанд. Таъкид гардидааст, ки додгоҳ бар асоси далелу санадҳои қотеъ бояд ҳукм содир кунад, зеро бо тақдири инсон бозӣ кардан кори хатост!

Ростӣ, чунин ақидарониҳо таваҷҷуҳи маро низ ба худ мекашанд. Зулола Темирова ном зан ба лоиҳаи Қонуни Асосӣ чунин тағйиротро дархост кардааст: “Истифода аз ҳар гуна шиканҷа ва зӯровариҳои ҷисмониву равонӣ нисбати шахси гумонбар комилан манъ карда мешавад”. Ин гуна таклифҳо матлабе нестанд, ки асари бадеиеро хонда бошиву аз он худ ягон хулоса барорӣ. Зеро ин афкори нафароне мебошад, ки чанд сол боз дар ин ҷомеа зиндагӣ карда, аз ҳавои ин муҳит нафас кашидаанд.

Пӯшида нест, ки аъзои ҷомеаи мо дар муқобили ҳуқуқҳои пурраи қонунӣ замоне ба ин гуна мушкилот дучор шудаанд ва ё ҳадди ақал ягон наздикашон аз ҳимояи ҳуқуқӣ ба таври бояду шояд таъмин карда нашудааст. Ба иборае, фикри вай таҷаммӯъи изҳори нигарониҳои одамоне мебошад, ки дар паҳлӯи мо кору зиндагӣ мекунанд ва барояшон ворид шудани чунин тағйирот дар Қонуни Асосӣ ба мақсад хеле мувофиқ аст.

Ман фарде мебошам, ки замоне аз “мукофот”-и истироҳаткунӣ (матлабамро мефаҳмед гуфта фикр мекунам) «баҳраҳо» бурдаам ва он вақтҳо аз манзараҳои торикистони зиндагиам маҳсуб меёбанд. Баъди бо қарори Президент Шавкат Мирзиёев афв гардидаму озод шудам ва хостам, ки бевосита дар раванди ислоҳоти ҳуқуқӣ, ки асоси шаҳрвандии муосирро ташкил медиҳад, иштирок намоям. Дар муқаддимаи лоиҳаи Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон» таъкид шудааст, ки «Барқарор намудани давлати инсондӯстона, демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ ва дунявӣ дар бораи шаъну шараф ва қадршиносӣ ғамхорӣ мекунад”. Инчунин маъниву мундариҷаҳои “ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳар як инсон дар он ҳимоя мегардад», он «ҷомеаи кушода, одилона ва мукаммали шаҳрвандӣ», мешавад, ҳар як фарди ҷомеа «содиқ будани худро ба арзишҳои адолати иҷтимоӣ, озодӣ ва баробарӣ бояд ҳис намояд” равшан зикр ёфтааст.

Дар баробари ин гуфта мешавад, ки аз 128 модда 64-тоаш тағйир дода, 6 моддаи нав илова мегардад. Меъёрҳои қонуни ҷиноятие, ки бояд ба моддаи 25 илова карда шаванд,аз орзуву ормонҳои ман низ мебошанд, ки дар боло андак зикраш рафта буд ва маро ҳеч вақт бетафовут намегузорад.

Мардуми мо давраеро аз сар гузаронд, ки шаъну шарафи инсониаш поймол шуд, натанҳо худаш, балки хешу табораш низ барои ҷинояти як нафар рӯсиёҳ гардиданд. Онҳое, ки дар натиҷаи тафтишҳои ғаразнок гирифтори бемориҳо ё маъюб шудаанд, хеле хуб ҳис мекунанд, ки ин моддаи Конститутсия ҳар қадар зудтар ба ҳаёт татбиқ карда шавад, ҷомеаи мо ҳамон қадар натиҷаҳои мусбат ба даст меорад. Охир, одамонро тавассути муносибати ҳайвонӣ тарбия кардан мумкин нест!

Тағйироте, ки дар моддаи 13-и Конститутсия пешбинӣ шудааст, низ ба принсипи олӣ будани шаъну шарафи инсон асос ёфтааст. «Тамоми зиддиятҳои бартарафнашаванда ва норавшане, ки дар қонунгузорӣ ҳангоми ҳамкории шахс бо мақомоти давлатӣ ба миён меоянд, ба манфиати шахс маънидод карда мешаванд».

Халқи хирадманди мо як зарбулмасали оддӣ, вале пурмазмунро ба кор мебарад: «Ба зери дарахти себ себ меафтад”. Ман бо эътимоди қавӣ гуфта метавонам, ки ислоҳоти имрӯза ва корҳои татбиқшаванда ҳатман натиҷаҳои пурбор ба бор меоранд. Қонунҳое, ки иродаи халқро ифода мекунанд, бешубҳа, аз тарафи ҳамин одамон комилан риоя карда мешаванд. Аммо бисёр мехостам, ки ислоҳот дар Қонуни Асосӣ нодуруст талқину тарвиҷ нашавад ва натиҷаашро мо дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон мушоҳида намудем. Набояд фаромӯш кард, ки ҳар кадоми мо дар назди қонун ӯҳдадориҳои худро дорем ва ин ӯҳдадориҳоро бояд риоя кунем.

**Акобир САЙИДОВ,**
**рӯзноманигор.**

Овози тоҷик

6 июли соли 2022 № 54 (14859)

***Аввалин шарҳҳо ва арзёбиҳои хориҷи кишвар ба натиҷаҳои мулоқоти 20 июни Президент Шавкат Мирзиёев бо аъзои Комиссияи конститутсионӣ оид ба ташаккули пешниҳодҳо бобати ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Асосии кишвар аз афзоиши таваҷҷуҳи ҷомеаи коршиносон, оммаи васеъ ва шаҳрвандони ҷудогона ба равандҳои динамикии демократии Ӯзбекистон далолат медиҳад.***

# ВОҚЕИЯТИ НАВИ ЗАМОНАВИИ СИЁСӢ, ҲУҚУҚӢ ВА ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ӮЗБЕКИСТОН КУЛЛАН АЗ НАВ ДИДА БАРОМАДАНИ КОНСТИТУТСИЯРО ТАҚОЗО МЕНАМОЯД

***Роҳбари Донишкадаи сиёсатшиносии назди Донишгоҳи давлатии Варшава, профессор Тадеуш БОДИО:***

– Тартиботи давлатдории ба конститутсия асосёфтаи замонавӣ такмили пайвастаро тақозо мекунад, зеро қонуни конститутсионии ҳар кишвар бояд аз рушди он пеш гузарад, ба рушди устувори ояндаи давлат хидмат кунад. Аз ин рӯ, ислоҳоти қонунгузории бунёдӣ як падидаи табиист.

Амалияи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар бисёр кишварҳо ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи тағйироти куллӣ сурат гирифтааст.

Ман хуб медонам, ки тайи солҳои охир дар Ӯзбекистон ислоҳоти бунёдӣ, ба ҳам алоқаманд ва ба ҳамдигар вобастаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба бунёди кишвари нави демократӣ, ташаккули ҷомеаи озоду одилонаи шаҳрвандӣ нигаронда шудааст, ба амал бароварда мешавад. Дар сохти давлатӣ, ҳаёти сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, маданию маънавии ҷамъият дигаргуниҳои куллӣ ба амал меоянд.

Дар баробари ин, даврони имрӯзаи ҷаҳонишавӣ, рақамигардонӣ, тағйирёбии иқлим ва босуръат дигаргуншавии ҳаёт ҷиҳати модернизатсияи минбаъдаи кишвар, таҳкими сулҳу субот ва истиқлолияти миллӣ вазифаҳои нави таъхирнопазир ва ниҳоят муҳимро ба миён мегузорад.

Имсол ба Конститутсияи Ӯзбекистон 30 сол пур мешавад. Дар Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав, ки Президент Шавкат Мирзиёев эълон кардааст, ҳаллу фасли вазифаҳои сифатан нав, қабули қонуну консепсияҳои нав барои навсозии кишвар пешбинӣ шудааст. Онҳо, дар навбати худ бояд ба қонунгузорӣ такя кунанд.

Муҳимтарин хусусияти марҳилаи кунунии таърихии рушди Ӯзбекистон бунёди ҷомеаи рақамӣ ва иттилоотӣ мебошад. Иттилоот ва дониш ба омилҳои стратегии рушд табдил ёфта, сохторҳои давлатиро ба сохторҳои камхарҷ ва муассири қудратӣ табдил медиҳанд. Ин бояд дар Конститутсияи навшудаи кишвар инъикос ёбад.

Дар ҷаҳон амалан конститутсияе нест, ки тағйиру такмил дода нашуда бошад. Сарқонуни Полша моҳи апрели соли 1997 қабул шуда буд, аммо рушди кишвар водор намуд, ки ба мазмуни қонуни асосӣ тағйирот ворид карда шавад, ки дар робита ба ин беш аз 70 ислоҳ ворид карда шуд.

Тағйироти конститутсиониро дар тамоми кишварҳо он чиз муттаҳид месозад, ки онҳо вокуниш ба чолишҳо ва таҳдидҳои берунӣ ва дохилӣ ба давлат мебошанд.

Ҳамчун дӯсти бузурги Ӯзбекистон ва мутахассиси Осиёи Марказӣ дар татбиқи нақшаҳо ва ташаббусҳои дарозмуҳлат муваффақият орзумандам.

**Менеҷери лоиҳаи маркази таҳлилии «Diplomatic World Institute» Алберто ТУРКСТРА (Белгия):**

– Дар ин рӯзҳо мо шоҳиди изҳороти таърихии Президент Шавкат Мирзиёев ҳастем, ки зимни мулоқот бо аъзои Комиссияи конститутсионӣ изҳор дошт, ки ислоҳоти конститутсионии пешниҳодшуда бояд тавассути раъйпурсӣ ба овоздиҳии умумихалқӣ гузошта шавад.

Ба нақша гирифта шудани ислоҳоти конститутсионӣ тааҷҷубовар нест, зеро воқеияти нави замонавии сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоию иқтисодии Ӯзбекистон бознигарии куллии Конститутсияро тақозо мекунад.

Ман боварӣ дорам, ки соли ҷорӣ барои қабули ин қарор хеле рамзӣ аст, зеро моҳи декабри соли ҷорӣ Ӯзбекистон 30-солагии қабули нахустин Конститутсияи худро ҳамчун давлати соҳибистиқлол ҷашн мегирад.

Ҷанбаи ҷолиби дигар ин аст, ки тибқи қонунгузории амалкунанда парлумон ҳақ дорад ба Конститутсия тағйирот ворид намояд. Аммо агар ислоҳоти конститутсионӣ бо назардошти андеша ва раъйи шаҳрвандони кишвар тавассути раъйпурсӣ сурат бигирад, натиҷааш Конститутсияи аз ҷониби мардум ва барои мардум қабулшуда хоҳад буд. Ин қонунияти Қонуни Асосии кишварро афзоиш медиҳад, ки он аз як ҳуҷҷати сокин, ки ба давлат нигаронида шудааст, ба оинномаи зинда табдил меёбад, ки дар он шахсият ва ҳуқуқи ӯ мавқеи марказӣ доранд.

Ин раванд хеле зуд оғоз ёфт. Комиссияи конститутсионӣ 24 май дар ҳайати 45 нафар, аз ҷумла вакилони қонунгузор, сенаторҳо, намояндагони тамоми вилоятҳои Ӯзбекистон, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳуқуқшиносон, сиёсатшиносон ва дигар коршиносон, ки намояндагони қувваҳои гуногуни сиёсӣ ва доираи васеи ҷомеаро ташкил медиҳанд, ташкил карда шуд.

Ин раванд тамоми аҳолиро фаро гирифта, ба онҳо пешниҳод мекунад, ки ташаббус ва пешниҳодҳои худро дар интернет ё тавассути шабакаҳои гуногуни иҷтимоӣ тақдим кунанд. Рӯзи 3 июн Комиссияи конститутсионӣ ба фиристодани СМС ба 30 миллион муштарии телефонҳои мобилӣ шурӯъ кард, ки онҳоро барои ирсоли пешниҳоди худ даъват мекунад. То имрӯз ба Комиссия аз шаҳрвандон 48 492 пешниҳод ворид шудааст, ки ин равшан гувоҳӣ медиҳад, ки ислоҳоти конститутсионӣ ҳиллаи абстрактии сиёсӣ набуда, балки зарурати объективӣ ва талаботи болоравии ҷомеа мебошад.

Дар Конститутсияи навшудаи Ӯзбекистон мо чиро мебинем?

Принсипи тақсимоти қудратҳо байни ҳокимияти иҷроия, қонунгузор ва судӣ яке аз хусусиятҳои асосии демократияи муосир мебошад. Яке аз вазифаҳои асосӣ таъсиси низоми одилона ва мустақили судӣ, прокуратурае мебошад, ки дар амал тартиботи қонуниро таъмин менамояд, қодир аст новобаста аз фишори беруна ва дахолати беасоси дигар шохаҳои ҳокимият амал кунад.

Дар Конститутсия баъзе ҳуқуқи асосӣ, аз қабили ҳуқуқ ба манзил, ҳуқуқ ба шароити муносиби зиндагӣ ва меҳнат ва ҳимоя аз бекорӣ муқаррар карда мешаванд. Манъи меҳнати кӯдакон рамзӣ аст, зеро Ӯзбекистон амалан аз ин таҷриба халос шудааст. Ворид карда шудани қоидаҳои муайяне, ки ба ҳифзи муҳити зист (дар шароити фоҷиаи баҳри Арал ва дигар мушкилот) нигаронда шудаанд, таҳкими нақши институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва баланд бардоштани мустақилияти сохторҳое, ки қаблан таҳти салоҳияти бевоситаи давлат қарор доштанд, аз ҷумла ба ниҳоди маҳалла додани ҳуқуқи мустақилона ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллиро қайд кардан ҷоиз аст.

Ӯзбекистон ҳамеша ба омӯзиши таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ эътибори бузург медиҳад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз он ҷумла Иттиҳоди Аврупо инро бо таваҷҷуҳи зиёд мушоҳида мекунад. Иттиҳоди Аврупо оид ба мундариҷа ягон тавсия намедиҳад, балки ба матлуб будани риояи баъзе стандартҳо ва принсипҳои аз ҷониби мақомоти дахлдор, ба монанди Комиссияи Венетсия тавсияшаванда таъкид мекунад.

**Президенти Ассотсиатсияи оид ба тадқиқотҳои Авруосиёи Испания, президенти Ассотсиатсия оид ба рушди муносибатҳо байни Испания ва Ӯзбекистон, сармуҳаррири нашри онлайнии миллии «DiarioArbat»-и Испания, профессор Фернандо МОРАГОН:**

– Имрӯз ман мехостам дар бораи раванди хеле муҳим ва таъхирнопазири ислоҳоти Конститутсияи амалкунанда дар Ӯзбекистон сухан ронам. Ин боз як далели он аст, ки ҷомеаи Ӯзбекистон таҳти сарварии Президент ҳамқадами замон пеш рафта, бо назардошти даъватҳои замонавӣ ва равандҳои нави ҷаҳонӣ диди нав меорад.

Конститутсия бояд ислоҳ карда шавад, то ки ба замонҳои нав ва ниёзҳои халқи Ӯзбекистон мутобиқ гардонда шавад.

Ба фикрам, мо шоҳиди раванди муҳим дар Осиёи Марказӣ ҳастем, боварӣ дорам, он дар оянда натиҷаҳои хуб хоҳад дод.

**Директори Донишкадаи тамаддуни исломии Малайзия ФАРИЗА ШАМ:**

– Конститутсия – Қонуни Асосии давлат мағзи тамоми низоми ҳуқуқии ин ё он кишвар буда, маъно ва мазмуни дигар қонунҳоро муайян мекунад.

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ дар тамоми ҷаҳон ҷустуҷӯйи пуршиддати моделҳои рушди конститутсионӣ идома дорад. Бешубҳа, дар пасманзари дигаргунсозиҳо ва ислоҳоти васеъмиқёси демократӣ ва босуръат дар Ӯзбекистон ба Конститутсияи шумо низ бояд тағйироти дахлдор ворид карда шавад, ки ин, пеш аз ҳама, ба боз ҳам васеъ намудани ҳуқуқи қонунии шаҳрвандон хидмат мекунад.

Вақте тирамоҳи соли гузашта дар Ӯзбекистон будам, шоҳиди он гардидам, ки дар мамлакати шумо оила ячейкаи асосии ҷамъият аст ва ин дар боби XIV Конститутсияи Ӯзбекистон мустаҳкам карда шудааст, ки беназирии Қонуни Асосиро, ки аз Конститутсияи дигар кишварҳо фарқ мекунад, муайян менамояд.

Боиси хушнудист, ки шаҳрвандони Ӯзбекистон дар ин чорабинии муҳими сиёсӣ фаъолона иштирок мекунанд, ки то имрӯз зиёда аз 35 ҳазор пешниҳод аз намояндагони ҷомеаи васеъ ҷиҳати ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи кишвар расидааст.

Итминон дорам, ки ислоҳоти дарпешистодаи конститутсионии Ӯзбекистон, ки бо ташаббуси сарвари давлат оғоз мегардад, ба татбиқи вазифаҳои минбаъд баланд бардоштани беҳбудии аҳолӣ ва шукуфоии иқтисодии кишвар, таҳкими иқтидори илмии он ва рақобатпазирӣ дар ҷаҳон хидмат мекунад.

**Сафири Сингапур дар Ӯзбекистон Зулкифли БАХАРУДДИН:**

– Ба фикрам, раванди ворид намудани тағйирот ба Конститутсия, ки дар Ӯзбекистон оғоз шуд, идомаи ислоҳоти ҳамаҷониба дар кишвар аст.

Мехостам хусусияти ғояҳоеро, ки дар Ӯзбекистон бобати такмил додани Конститутсия ба миён гузошта шудаанд, қайд намоям. Ислоҳоти пешниҳодшаванда дар ҳифзи манфиатҳои мардуми шумо ва рушди кишвар саҳми муҳим хоҳад дошт. Боварӣ дорам, ки самараи онҳо дар бунёди Ӯзбекистони Нав зоҳир мегардад.

Модели давлатии «Ӯзбекистон – давлати иҷтимоӣ»-ро пешниҳоди муҳим мешуморанд. Зеро, ин ғоя ба манфиати ҷамъият ва беҳбудии аҳолӣ ҷавобгӯ аст. Кишвар дар роҳи диверсификатсияи рушди пайваста, фароҳам овардани шароити рақобатпазир барои корхонаҳои маҳаллӣ ва дар натиҷа шароити зарурӣ барои зиндагии шоистаи мардум қарор дорад.

Ба ғайр аз ин, ман ғояи созмон додани модели «Дар Ӯзбекистон бунёд намудани давлати инсонпарвар, демократии ҳуқуқбунёд»-ро дастгирӣ менамоям. Маълум аст, ки ин модел танзимгари универсалӣ ва афзалиятноки зиддиятҳои сиёсию иҷтимоӣ буда, волоияти қонунро мустаҳкам мекунад, низоми меъёру тамоюлҳои устувори фаъолияти низоми давлатиро ҷорӣ мекунад.

Ба ин муносибат пешниҳоди Президент Шавкат Мирзиёев дар бораи додани ваколат оиди таъин кардани роҳбарони Агентии зиддикоррупсионӣ ва Палатаи ҳисоб аз сарвари давлат ба Олий Маҷлис ба ҳифзи манфиатҳо, ҳуқуқ ва озодии тамоми шаҳрвандон хидмат мекунад.

Аз фурсат истифода бурда, мехоҳам таъкид намоям, ки Ӯзбекистон дар роҳи демократикунонии ҷамъият роҳи тӯлониро тай кардааст. Дар ин бобат Президент Шавкат Мирзиёев низ изҳор карда буд.

**АИ «Дунё».**

# 88 ФОИЗИ ПУРСИДАШУДАГОН АЗ ИСЛОҲОТИ КОНСТИТУТСИОНӢ ХАБАРДОРАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар баробари ин мувофиқи маълумоти муайяншуда, 47,2 фоизи пурсидашудагон иштирокашонро дар раванди такмили Конститутсия муҳим мешуморанд, дар ҳоле, ки 24,1 фоизи шаҳрвандон аллакай ба Конститутсияи амалкунанда пешниҳоду иловаҳои худро тақдим кардаанд.

Дар ҷараёни омӯзиш манбаъҳои дарёфти маълумот дар бораи раванди оғозшудаи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи кишвар мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Ҳамин тариқ 32,8 фоизи пурсидашудагон дар ин бора аз тариқи телевизион огоҳ шудаанд. Фиристодани паёмаки SMS низ дар ин маврид нақши муҳим бозидааст – 23 фоизи пурсидашудагон тавассути онҳо маълумот гирифтаанд. 17 фоизи пурсидашудагон маълумоти худро аз каналҳои Telegram ва 15 фоиз аз шабакаҳои иҷтимоӣ (Facebook, Instagram) гирифтаанд.

Таҳлили пурсиши афкори умум нишон дод, ки бинобар ақидаи пурсидашудагон масъалаҳои муҳимтарине, ки бояд дар Конститутсия инъикос ёбанд, такмили низоми идоракунии давлатӣ, пурзӯр гардондани таъмин кардани ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон, таҳкими ҳифзи иҷтимоии табақаи эҳтиёҷманди аҳолӣ (шахсони ногиро, бачаҳои бепарастор, занон, куҳансолон ва нафақахӯроне, ки саробонашонро гум кардаанд), инчунин баланд бардоштани нақши ҷавонон дар ҳаёти давлат ва ҷамъият ба ҳисоб меравад.

Тадқиқот инчунин нишон дод, ки ҳифзи муҳити зист ва таъмини ҳуқуқҳои экологӣ аз вазифаҳои муҳим аст. Ба ғайр аз ин, пурсидашудагон аз масъалаҳои ташаккул ва таҳкими арзишҳои умумибашарӣ, миллӣ ва оилавӣ, пурзӯр намудани ҳифзи моликияти хусусӣ ва таъмини сифати таълим низ ёдовар шуданд.

Тавре маълум гардид, пурсидашудагон дарк менамоянд, ки ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи кишвар равандест, ки масъулият ва иштироки ҳар як шаҳрвандро тақозо мекунад ва метавонад ба рушди ояндаи кишвар таъсир расонад. Умуман натиҷаҳои омӯзиши ҳаматарафаи афкори умум аз он гувоҳӣ медиҳад, ки таҳрири нави Қонуни Асосӣ бешубҳа самараи ҷидду ҷаҳди якҷояи ҷамъият ва ҳокимияти давлатӣ хоҳад шуд.

Моҳият ва аҳамияти тағйироти пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки дар маркази эътибори фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ бояд инсон бошад ва мақсади асосии ҳамаи ислоҳоти конститутсионӣ барои шаҳрвандон фароҳам овардани шароити муносиб буда, ба онҳо имкон медиҳад, ки нерӯ ва имкониятҳои худро пурра татбиқ намоянд.

**Шаҳноза МАМАТУРОПОВА, мухбири ЎзА.**

# ХӮҶАОБОД БОЗ ҲАМ ОБОД МЕГАРДАД

Ҳар як гӯшаи кишварамон рӯз то рӯз обод мегардад. Биноҳои нав, боғчаву мактаб, майдончаҳои варзишӣ, иншоотҳои хидматрасонӣ ва савдо, корхонаҳои истеҳсолӣ барпо гардида ба ҳусни шаҳру деҳаҳоямон меафзояд.

Ин албатта, самараи тинҷиву хотирҷамъӣ, рушду ривоҷи фаровонии зиндагии аҳолӣ дар мамлакат мебошад. Дар доираи барномаҳои “Деҳаи обод” ва “Маҳаллаи обод” дар ноҳияи Хӯҷаободи вилояти Андиҷон корҳои бунёдкорӣ ба таври васеъ бурда мешавад.



– Бо ташаббуси роҳбари давлат дар ноҳияи мо низ корҳои бузурги бунёдкорӣ ба роҳ монда шудааст. Соли ҷорӣ дар маҳаллаҳои Тошота ва Гарагурӣ баҳри ба амал баровардани корҳои сохтмон, ободонӣ, рушди сохтори муҳандисиву коммуникатсионӣ беш аз 19 миллиарду 263 миллион сӯмина маблағ роҳандозӣ карда шудааст. Алҳол корҳо аз рӯйи нақша босуръат идома доранд, – мегӯяд ҳокими ноҳияи Хӯҷаобод Ӯткирбек Шукуров.

Дар маҳаллаи Тошота, ки яке аз мавзеъҳои дуртарини ноҳия ба шумор меравад, дар таркиби 845 оила беш аз 3 ҳазор нафар аҳолӣ истиқомат мекунад. Дар кӯчаҳои Биларма, Зиёратгоҳ, Чашма ва Юқори Имомотаи маҳалла корҳои васеъ ва мумфарш намудани роҳҳо дар авҷ.

– Дар маҳаллаамон наздик ба бист адад шохобчаҳои савдо ва хидмати маишӣ, дуто муассисаи таълими томактабии нодавлатӣ, 1 мактаби таълими умумӣ, 1 мактаби махсуси кӯмакрасон фаъолият мебарад, – мегӯяд раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Тошота Аҳмадулло Шокиров.

Ба гуфтаи ӯ, кӯчаи Зиёратгоҳи маҳалла асфалтпӯш карда шуд ва ба дарозии 1,2 километр хатти барқ нав карда шуд, 25 дона устунҳои оҳанубетонӣ шинонда шуда ба масофаи 0,5 километр хатти об кашида шудааст.





– Кӯчаамон дар зимистон лой, дар баҳору тобистон чангу хок мешуд, – мегӯяд сокини кӯчаи Зиёратгоҳ Н. Ҳакимов, – дар чаҳорчӯби барномаи “Деҳаи обод” роҳамон асфалтпӯш гардид, оби нӯшокӣ гузаронда шуд, симчӯбҳои кухна бо симчӯбҳои бетонӣ иваз карда шуданд. Аҳолӣ аз ин мамнун.

Ғайр аз ин, дар маҳаллаи Тошота ба масофаи 0,5 километр роҳи пиёдагард таъмир карда шуда, ба дарозии 6,2 километр сими алоқа хобонда шуд. Инчунин, барои таъмири хонаву ҷойи оилаҳои эҳтиёҷманд кумак расонда шуд.

Дар маҳаллаи номбурда зиёратгоҳи “Имомота” ҷойгир аст, ҳар сол ба ин ҷо аз тамоми гӯшаву канори мамлакат зиёратчиҳо ташриф меоваранд.

Зиёратгоҳ низ таъмир гардида намои тоза гирифтааст. Барои меҳмонон хонаҳои алоҳида, ҳаммом, оби гарму хунук, мизи теннис, биллярд ва дигар қулайиҳо мавҷуд.

**Ф. УБАЙДУЛЛОЕВ, ЎзА.**

**Дар аксҳо:** корҳои бунёдкорӣ дар ноҳияи Хӯҷаободи вилояти Андиҷон.

**Аксбардор: З. УМУРЗОҚОВ. ЎзА.**

## ХАБАРҲО

### МУЛОҚОТИ ДОДСИТОНИ ПОЙТАХТ БО ҶАВОНОН

***Бо ташаббуси прокуратураи шаҳри Тошканд бо ҷавонони ноҳияи Яшнобод мулоқоти кушод ташкил ва дар чорабиние, ки бо мақсади баланд бардоштани қадри инсон, таъмини фаровонии рӯзгор ва ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ дар мономаркази “Марҳамат ба кор” ба амал омад, баробари ҷавонон аҳолии синну соли гуногун иштирок карданд.***

Чорабинӣ, ки асосан бо мақсади пурмазмун гузаронидани вақти холии насли ҷавон, тарбияи насли наврас дар рӯҳи ватандӯстӣ, оммависозии варзиш дар байни бачаҳову наврасон, ҷалбнамоии ҷавонон ба омӯзиши касбу ҳунар ташкил гардид, як навъ мулоқоти кушодро низ мемонд. Ягон муроҷиат аз эътибор дур намонд. Қисмате аз шикояту таклифҳо дар ҷои худ ҳал шуданд.

Дар чорабинӣ 41 корхонаву ташкилот бо 2080 ҷойи кории холӣ иштирок намуд. 17 нафар ҷавонон ҷойи дилхоҳи шуғл пайдо карда ва ба шартномаҳо имзо гузоштанд. Иттиҳодияи ҳунармандон бо намунаҳои меҳнати дастӣ намоиш ташкил кард, ки он низ диққати иштирокдоронро ба худ кашид. Як гурӯҳ ҷавонони ноҳия, ки ташаббусҳои ҷолиб нишон медиҳанд, бо туҳфаҳои хотиравӣ тақдир шуданд.

### ҶАШНВОРАҲОИ ЗАВҚБАХШ

***Чорабиниҳои маънавию маърифатӣ ва барномаҳои консертие, ки дар майдонҳои кушод ташкил мегарданд, барои аҳолӣ ҳарҷониба завқбахш. Ҳокимияти шаҳри Тошканд барои муташаккилона гузаронидани ин гуна чорабиниҳо дар нимсолаи дувуми соли равон қарори махсус қабул намуд.***

Бахшида ба мавзӯъ дар ҳокимияти пойтахт анҷумани матбуотӣ низ рӯйи кор омад ва дар он гуфта шуд, мақсад аз ташкил кардани намоишҳои завқбахши оммавӣ нафақат болида доштани рӯҳи сокинон ва меҳмонони пойтахт, айни замон баланд бардоштани самаранокии бренди миллӣ, ба ҷумҳуриамон бештар ҷалб сохтани эътибори сайёҳони хориҷӣ ва равнақи туризм мебошад.

Инчунин, қайд гардид дар нимсолаи дуюми соли равон дар пойтахт ташкил намудани 10 ҷашнвора бо иштироки аҳли эҷоду санъат ва варзишгарони номӣ ба нақша даромадааст. Дар чорабиниҳои идона, ки рӯйи кор меоянд, иштироки 5 миллион нафар аҳолӣ ва меҳмонони пойтахт мавриди назар аст. Ниёзмандоне, ки ба “Дафтари оҳанин”, “Дафтари бонувон” ва “Дафтари ҷавонон” номнависанд, алоҳида таклиф карда мешаванд.

### ДАР БОҒҲО – “ҒУНЧАҲОИ КИТОБ”

***Бо мақсади ба иҷро расондани вазифаҳое, ки аз қарори роҳбари давлат дар бораи чораҳои нашри маҳсулоти китоб, эътибор ба мутолиа ва баланд бардоштани маданияти китобхонию тарғиби китоб баромада меоянд, дар ҷойҳо як қатор корҳо ба амал бароварда мешаванд.***

Дар боғи Ботаникаи пойтахт якчанд “Ғунчаҳои китоб” ҷойгир ва эътибори дӯстдорони китобро ба худ кашиданд. Ба наздикӣ ин гуна “Ғунчаҳои китоб” боз дар чаҳор ҳудуди истироҳатгоҳи “Гунбазҳои сабз” воқеъ дар ноҳияи Яккасарой низ арзи ҳастӣ карданд, ки як навъ микрокитобхонаҳоро мемонанд. Нафақат мутолиа мекунед, балки метавонед китобҳои бадеии бо худ овардаатонро гузошта, аз ин ҷо дигар китобҳои дилхоҳатонро бо худ баред ва дар хона мутолиа созед. Барпои “Ғунчаҳои китоб” дар Хиёбони адибон ва як қатор боғҳои дигари истироҳатии пойтахт, айни замон, ба нақша гирифта шудааст.

**М. ШОДИЕВ, мухбири “Овози тоҷик”.**

Ёднома

# РОҲИ НАВИСАНДАШАВӢ Ё ТАҲЛИЛИ ДУ ҲИКОЯ

Устод Фазлиддин Муҳаммадиев бо исрор аз ман талаб мекарданд, ки очерк нависам. Мани якроҳа боз ҳикоя навишта, онро бардошта, ба манзили устод мерафтам. Ду ҳикояамро бурда будам. Ва маротибае ба коттеҷашон рафтам, то бидонам, ки ҳикояҳоро чӣ кор кардаанд.

Дар хонаи калон мизу ду курсӣ гузошта шуда буд. Дар пешгоҳ устод ҷой гирифтаанд. Курсии ман чаппа, рӯ ба сӯйи дар гузошта шуда буд, яъне устод маро медиданду ман эшонро не.

Як ҳикоя "Шикаст" ном дошту дар хусуси мансабдоре буд, ки гӯрашро сӯзонда, бо ҳар гуна роҳҳо соҳиби мошини "Волга" ҳам шудааст. Бо ҷавонзани дилбаре ба сӯйи мактаби деҳа барои тафтиши ариза, ки ба идораи болоӣ расида буд, мошинсавор мерафтанд. Ба ҳамон ҷо рафта, мансабдор дӯсти ҳамкурсашро, ки омӯзгори одӣ шуда кор мекард, мебинад. Дар миёни дӯстон мунокиша мешавад, вай шикаст мехӯрад ва мулзам мешавад.

Ҳикояи дигар "Бори ноҳинҷор"унвон дошт. Ҳикоя аз ҳаёти ходимони милитсия буд. Дар он ду милиса яке ҳақпараст, инсондӯст, дигаре бешафқат, сангдил буд. Ҳангоме ки онҳо пас аз корашон барор нагирифтан, ба кӯчаҳои шаҳр мебароянд, ҷавони ширакайферо мебинанд, ки дар як пояш туфлӣ дошт, пойи дигараш бетуфлӣ буд. Вай туфлиашро ҷустуҷӯ мекард. Милисаи сангдил ӯро ба мошин нишонда, ба ҳушёрхона бурданӣ мешавад. Милисаи раҳмдил, баинсоф худ ба сари чамбари мошин менишинад, ҳар ду бо ҳам ҷанҷол мекунанд. Онҳо бо мошин ҷавони ширакайфро ба хонаашон мебаранд. Аз дарвозаи ҳавлӣ кампире асозанон мебарояд ва мегӯяд:

– Як боракак аз гуноҳаш гузаред. Бе падар, эрка калон шудааст.

Ба наберааш рӯ оварда мегӯяд:

– Ту бо ин шабгардиҳоят аввал маро мекушию сонӣ хотират ҷамъ мешавад. Хуллас, милисаҳо ҷавонро дар хонааш гузошта, бармегарданд.

Устод варақҳоро, ки дар онҳо қайдҳо бо қалам навишта шуда буданд, ба ман дароз карданд.

Қайдҳо чунин буданд: "Ҳикоя мешавад, аммо таҳрирталаб аст. Номи хоси озариҳоро (ном дар ҳикоя Абдунов буд) мондан даркор. Масалан, Гезалов.

Дар ҳикояи "Шикаст" навишта шуда буд, ки персонажро дастонаш асабиёна меларзид ва ин навишта дар чанд ҷо такрор шуда буд. Устод навишта буданд: "Ин чандумин даст аст, ки асабиёна меларзад?" Боз: "Тахаллусгириро маслиҳат намедиҳам. Номи нависанда безеб бошаду асараш базеб. Масалан, Турсунзода, Карбобоев".

Устод дар хусуси ҳикояи "Шикаст" чунин гуфтаанд:

– Рассказ выдуманний, высосанний из пальцев. Вай (қаҳрамони ҳикоя) зану фарзанд дорад? Дар кадом идора кор мекунад: мелиоратсия, дар куҷо? Мошинро чӣ хел гирифтааст?

Ман ба варақгардонӣ даромадам.

Устод: «Варақ нагардонед. Ман вайро чанд бор хондам».

Ман гуфтам:

– Ба хориҷа рафта, кор карда, мошинро гирифтааст.

Устод маломатомез:

– Сиёсатро ҳам намедонед-ку. Ба мактаби олӣ даромада "хон" гӯянд, "не" мегӯед-а?

Ба суханашон идома доданд: «Кастюм бруки чорхонанусха навиштаед. Худи костум гуфтан кифоя».

Кастум...

Онро пиҷак мегӯянд. Боз ин занакабозӣ. Устод хонданд:

"Ба пойҳои зебои ҷавонзан ҳарисона нигоҳ мекард. " Чӣ тавр вай пойҳои занро тамошо карда метавонад? Оинаяки мошин на уровне бошад, дида метавонад. Боз дигар неточностҳо ҳастанд. Нависанда ҳамаи ҳаминро донистанаш лозим. Нависанда ҳар як калимаро аз шаст паҳлу санҷида, сонӣ мегузорад.

Устод ба сари баррасии ҳикояи дуввум гузаштанд:

Пӯсту дунбаву гӯшти ин ҳикояро ҷудо кунем, мешавад схемаи ҳикоя. Мешавад барои одаме, ки ҳамин корро нав сар кардааст. Ин гуманизм, инсондӯстӣ. Даркор бошад, нависта гиред. Аммо қалам наменавишт. Ман аз эродгириҳо, сарзанишҳои устод дасту по гум карда будам.

Устод гуфтаҳояшонро ҷамъбаст карданд:

– Очерк менависед. Агар очерк наменависта бошед, сари худатонро ҳаму сари матбуоти советии сусиалистии тоҷикро ҳам гаранг накунед.

Дар ҳикояҳо як чиз ҳаст? — ғурунгос задам ман.

Устод:

Шумо очерк нависед, ман мегӯям.

Сипас ҳар ду ба ошхонача гузаштем, ки завҷаашон Муяссарахола хӯрок тайёр мекарданд. Устод бо тантана гуфтанд:

Ана Ӯктамро разгромит кардам. Ба ин подъезд рав гӯем, ба подъезди дигар меравад. Дарро монда, аз тиреза даромаданӣ мешавад, ё аз бом... шиферҳоро шикаста... устод хандиданд.

– Ҳа, роҳи космонавтшавӣ, нависандашавӣ ҳаст.

Ба айвон баромадем. Дар дасторхон нуқлу наво ҳозир буд. Устод ба домодашон Муқумпочҷо гуфтанд:

– То ҳамин вақт очерк менавишт, мӯйлабашро табар намебурид. Шумо баъд аз хӯрокхӯрӣ Ӯктамро дар огород кор фармоед, тонусаш баланд шавад.

Ман ба оташинӣ гуфтам:

– Кор намекунам. Настроениям вайрон.

Аз ҷо бархоста, бадар рафтам. Бо ҳамин ним сол ба хонаи устод нарафтам. Ҳақ будани устод, дилсӯзӣ, ғамхориҳояшонро дар ҳаққи мани шогирд пас аз сипарӣ гардидани солҳо дарк кардам....

**Ӯктам ИБРОҲИМ.**

Китобиёт

# «КУЛЛИЁТИ ОСОР»-И АСАД ГУЛЗОДАИ БУХОРОӢ




Алоқамандони каломи бадеъ бо номи шоир ва рӯзноманигор Асад Гулзодаи Бухороӣ натанҳо дар Ӯзбекистону Тоҷикистон, балки дар Эрон низ ошноӣ доранд. Ӯ баъди чанд соли омӯзгорию роҳбарӣ дар мактаби зодгоҳ – деҳаи Шавгони ноҳияи Пешкӯ ба шаҳри Бухоро омада, дар Кумитаи радиошунавонии вилоят (ҳоло Ширкати симо ва садо) ҳамчун муҳаррири калони бахши тоҷикӣ на фақат хидматҳои шоиста кард, балки то ба нафақа баромадан шогирдҳои муносибро низ ба воя расонд. Вай дар айни замон дар муҳити вилоят баҳри пос доштан ва идома додани анъанаи эҷодиёти бадеӣ ба забони модарӣ сарбаландона фаъолият нишон медиҳад. Намунаҳои беҳтарини шеърҳои вай дар маҷмӯаҳои дастҷамъии «Мурғобӣ чӣ мекобад?», «Лафзи ширин», «Каҳкашони орзӯ», «Гули мурод», «Гулистони адаб», «Фариштагони форсигӯ», «Донишномаи забон ва адабиёти форсии Ӯзбекистон: қарни бистум то кунун», «Тазкираи адабиёти баҷаҳо» ва китобҳои дарсӣ, маҷмӯаҳои «Насими Бухоро», «Хати пешонӣ», «Шукуфаҳои Бухоро», «Нафаси баҳор», «Намози рӯйи барг», «Арзи сипос» гирд омадаанд. «Куллиёти осор»-и шоир, иборат аз се ҷилд, тавассути нашриёти «Янги нашр»-и Тошканд солҳои 2017, 2018, 2019 дастраси ҳаводорони шеъри тоҷикӣ гардида буд. Ба қарибӣ нашриёти «Ёш авлод матбаа»-и Тошканд «Куллиёти осор»(ҷилди 4-ум)-и шоирро аз чоп баровард. Ин китоб, ки аз 431 саҳифа ва иборат аст, шеър, ғазал, чорпора ва дубайтиҳои дар солҳои гуногун эҷодкардаи Гулзодаро дар бар гирифтааст. Танзимкунандаи он Ҷаъфар Муҳаммад аст. Он мувофиқи мазмуну мундариҷа ва шакл ба қисматҳои «Хоки ниёгон», «Бузургони Бухоро», «Ҳамзамону ҳамзамину ҳамзабон», «Ғазалиёт», «Ёди сабзи ишқ», «Табиати Ватан», «Гулчин аз китобҳои пешин», «Чаҳорпораҳо», «Дубайтиҳо» ҷудо карда шудааст.

Мадҳу тавсифи Бухоро дар эҷодиёти Гулзода мақоми аввалиндараҷа дорад.

*Эй Бухоро, мулки суғдиёни ман,*
*Эй Бухоро, ҷисми манро*
*ҷони ман!*
*Қиблагоҳу қиблаву меҳроби ман!*
*Эй Бухоро, мазҳабу имони ман!*

***

*Ҳусни ҷаҳон Бухоро*
*Чу кони оҳанрабо...*
*Арк бар сари Регистон,*
*Дар он ҷо тахти равон.*
*Қароргоҳи амирон*
*Кишварро тақдирҷунбон.*
*Сар шавад аз Шаҳристон,*
*Таърихи шаҳри бостон.*
*Мири Араб дар он ҷо,*
*Манора ҳаст дурнамо.*
*Масҷиди Калон дилрабо,*
*Шуҳрати рӯйи дунё.*
*Чорманораш муъҷиза,*
*Чор пое дар як мӯза...*

Бешубҳа, Асад Гулзода ошиқи шайдои Бухорост. На фақат ҳар як хишти манораю мадраса, балки ҳар як зарра хоки ин сарзамин барои вай муъҷиза, нотакрор ва мояи ифтихор аст. Зотан ҳамин меҳр, ҳамин эътиқод, ҳамин ихлос, ҳамин сӯзу гудоз ӯро ба маснади шоирӣ расондааст:

*Набахшам бар касе як*
*зарра хокат,*
*Ҳамеша дар забонам*
*исми покат...*
*Асад бо ишқи ту умрест зинда,*
*Ту шоҳиву ба фармони ту банда.*

А. Гулзода меҳаншаҳрашро хеле ва хеле дӯст медорад, ошиқона ва содиқона, бе ҳеч ғараз, бе ҳеч тамаллуқ. Поку беолоиш, соддаву самимона. Ва Бухоро барои ӯ гаҳворашаҳри шеъри форсӣ-дарӣ-тоҷикӣ, модаршаҳри мадойини Машриқзамин, абаршаҳри дунёст.

Меҳри баланди Худодод доштани шоир нисбат ба Бухоро, чун объекти тасвир мақоми аввалиндараҷа доштани ин шаҳр дар асарҳои вай пайваста эҳсос мегардад. Ин ҷиҳат, хусусан, дар ҷилди чоруми «Куллиёти осор» бештар ба назар мерасад. Аз ин рӯ, кулли осори Асад Гулзодаро якҷоя «Бухоронома» номидан ҳам мумкин аст.

Ба қарибӣ дар ҳаёти Гулзода боз як хурсандӣ рух дод. Вай бо қарори Шӯрои васигии Бунёди «Нуронӣ» бо нишони сарисинагии «Собиқадори меҳнат» – дараҷаи якум сарфароз гардонда шуд. Ӯро ба ин муносибат низ муборакбод менамоем.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

Футбол

# РОҲБАРИЯТИ "НЕФТЧӢ" ИВАЗ ШУД

***Илҳом Муъминҷонов аз вазифаи сармураббии тими футболи «Нефтчӣ» истеъфо дод. Виталий Левченко, ки сармураббии тими футболи «Истиқлол»-и Душанбе буд, сармураббӣ таъин гардид.***



Хидмати матбуоти «Нефтчӣ» дар ҷамъомаде, ки таҳти раёсати раиси Федератсияи футболи вилоят Хайрулло Бозоров, ҳокими шаҳри Фарғона, президенти нави тим Восилҷон Назаров баргузор шуд, дар бораи ин тағйиротҳо маълумот додааст.

– "Нефтчӣ" вақтҳои охир дар майдон нағз ҳунарнамоӣ накард ва мухлисони бешумори худро дар чанд бозӣ ноумед гардонд. Дар бозиҳои Суперлигаи соли 2022 аз имкониятҳои фаровон истифода бурда натавонист ва пай дар пай ба мағлубият дучор шуд. Дар ҷадвал ҷойи аз ҳама охирро ишғол намуд.

Хайрулло Бозоров таваҷҷуҳи иштирокчиёни ҷамъомадро маҳз ба ҳамин масъала ҷалб намуд. Дар бораи беҳбуди вазъияти "Нефтчӣ" як қатор тавсияву пешниҳодҳо баён намуд. Баъд аз Левченко тақозо кард, ки чорабиниҳои қатъӣ пиёда кунад, зеро вазъият беҳбуди ҷиддӣ мехоҳад.

– Ман дар навбати худ талош ба харҷ хоҳам дод, ки бозигарон бо дарки масъулият ба майдон бароянд. Ин хеле муҳим мебошад. Дар мавриди техникаи бозии онҳо чанд навигарӣ ворид хоҳам кард, ки ҷиҳати беҳбуди ҳамин вазъи бамиёномада хеле мусоидат хоҳад кард, – изҳор дошт сармураббии нав.

Вай 50 сол дошта, дар тимҳои футболи Украина ва Русия тубронӣ кардааст. Инчунин як мавсим шарафи тими «Чанчун»-и Чинро низ ҳимоя кардааст. Ӯ дар ҳайати мунтахаби Тоҷикистон дар 9 бозӣ ширкат кардааст.

– Дар Тоҷикистон ба ҳайси мураббии дастаи мунтахаби ин кишвар, инчунин сармураббии дастаи мунтахаби ҷавонон шуда кор кардам. Сармураббии дастаҳои «Баркчӣ» ва «Хуҷанд» будам. Сонӣ мураббии тими «Криля Советов»-и Русия таъин шудам. Аз соли 2020 ба ин сӯ «Истиқлол»-и Душанберо раҳбарӣ мекардам. Соли 2021 дар мавсими аввали Лигаи қаҳрамонҳои Осиё дар марҳилаи гурӯҳӣ мақоми аввалро ишғол кардем ва ба даври 1/8 гузаштем, – изҳор кард сармураббии нави "Нефтчӣ".

**М. АҲРОРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*



*Роҳбари ҶММ «Содиқбек Қаҳрамон ўғли» соҳибкор Қаҳрамон Мамадёров аз ноҳияи Ғузори вилояти Қашқадарё дар маҳаллаи Ободи маркази ноҳия боғи истироҳатии «Ҳумо»-ро дар зиёда аз 30 сотих майдон барпо намуд ва ин ба хурсандии кўдакон хурсандӣ зам намуд.*

*Қимати умумии лоиҳаи майдон 950 миллион сўм аст, 500 миллион сўми он аз ҷониби ҶС «Ўзмиллийбонк» дар асоси кредит ҷудо карда шудааст. Имрўзҳо бачагони хушбахти мамлакати мо таътили тобистонаро дар чунин боғҳои истироҳатии хушобу ҳаво бо хушнудӣ мегузаронанд.*

***Суратгир: Ҷ. НОРҚОБИЛОВ. ЎзА.***

Бонги хавотир

# МО НИЗ ХОНДАН МЕХОҲЕМ!

## – мегӯянд фарзандони хонаводаи лӯлӣ

Таърихи бани башар ба забони ҳол мегӯяд, ки аз байни ҳама қавму халқиятҳо, аз ҷумла лӯлиён, олимон, шоиру нависандагон, рассому оҳангсозон ва арбобони давлатӣ ба камол расидаанд.

Дар минтақаи мо низ лӯлиён аз замонҳои хеле қадим зиндагӣ мекунанд. Садсолае пеш дар бораи коллективикунонӣ ва саводнок кунондани фарзандони онҳо саъю кӯшишҳо ба харҷ дода шудаанд. Ҳанӯз аз ҳамон замони Иттиҳоди Шӯравӣ ҳаракати ба мактаб ҷалб кардани фарзандони онҳо оғоз ёфта буд. Таҷриба нишон медиҳад, ки аз онҳо низ инсонҳои соҳибмаърифат ба камол мерасанд.

Замоне дар қитъаи Африқо низ сиёҳпӯстон ба таҳсил фаро гирифта намешуданд. Имрӯз фарзандони онҳо дар мактабҳои миёна ва муассисаҳои таълими олӣ мехонанд, дар ҳама ҷанбаҳо кору фаъолият доранд, дар идора кардани давлат, воситаҳои электронӣ аз ҳеч кас камӣ надоранд.

Ҷойи шубҳа нест, ки дар мактабҳои таълими ҳамагонӣ хонондани фарзандони лӯлӣ як қатор мушкилиҳо, аз ҷумла, аз онҳо канора ҷустани фарзандони маҳаллӣ, ба маҷлисҳои умумӣ даъват кардани падару модарони онҳо, ки на ҳамаашон ҳуқуқи худро медонанд, ба миён меоварад. Вале фаромӯш набояд кард, ки гузаштагони мо низ ба мактабҳои типи нав ба осонӣ ҷалб нашудаанд.

Тибқи Конститутсияи Ӯзбекистон дар кишвари мо ҳар як шаҳрванди аз 7 то 17-сола, сарфи назар аз миллату дин, нажод ва бaромади иҷтимоӣ ҳуқуқи дар мактаб таҳсил карданро дорад. Инак, ду сол аст, ки се нафар фарзанди лӯлӣ – Дамир Эргашеви 13-сола, Ишолда Эргашеваи 8-сола ва Лобар Эргашеваи 6-сола мехоҳанд, ки дар мактаби таълими ҳамагонии рақами 21-уми ноҳияи Олмазори пойтахт, ки ба маҳалли иқоматашон наздик аст, таҳсил гиранд.

Аммо директори мактаби номбурда Барно Шоқурбонова бо баҳонаҳои гуногун хоҳиши онҳоро рад карда истодааст.

Ба қарибӣ ба ӯ такроран муроҷиат намудам, ки ба қабули онҳо ба мактаб мусоидат намояд. Вай ба ман чунин ҷавоб дод:

– Давронака, охир онҳо лӯлӣ-ку?

Агар як нафар зиёӣ, педагог, роҳбари муассисаи таълимӣ чунин фикр дошта бошад, аз дигарон чӣ гила? Лӯлӣ будани онҳоро камина низ хуб медонам. Вале падару модари онҳо мехоҳанд, ки бачаҳояшон дар мактаб хонанд, саводнок шаванд.

Ҳар дафъа аз гузаре, ки дар он чанд кӯдаки ташнаи илм зиндагонӣ мекунад, мегузарам, онҳо давида омада, пеши роҳамро гирифта, баумед аз ман мепурсанд: "Амак, ба хондани мо кай рухсат медиҳанд? Мо ҳам хондан мехоҳем...»

Бале, онҳо хондан мехоҳанд.

Умед аст, ки дар роҳи ҳаллу фасли масъала роҳбарони соҳаҳои масъули шаҳру ноҳия кумакашонро дареғ намедоранд.

**Даврон АҲМАД,**
*ш.ТОШКАНД.*

# РУШДИ САЙЁҲӢ САМТИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ КИШВАР

***Вазорати туризм ва мероси фарҳангӣ бо рӯзномаи "Овози тоҷик" ҳамеша аз наздик ҳамкорӣ карда меояд. Ин бесабаб нест, зеро ҷалби ҳарчи бештари сайёҳони маҳалливу хориҷӣ ба ҷойҳои таърихиву меъморӣ ва зиёратгоҳҳои мамлакатамон аз авлавияти вазифаҳои моро ташкил мекунад. Дар ин самт тибқи дастурҳои Президент корҳои зиёд ба сомон расонида мешаванд, ки натиҷаҳои он дар ҷараёни як нишасти хабарӣ ба ҷамъи журналистони маҳалливу хориҷӣ ироа гардид.***

Дар се-чаҳор соли охир мо дар мавриди рушди туризм ё гардишгарӣ ба нишондиҳандаҳои баланд ноил шудем. Аммо ин ҳаргиз моро қонеъ намегардонад ва нуқтаи охир низ нест. Дар ҳар маҷлису ҷамъомад ҷонишини Сарвазир – вазири туризм ва мероси фарҳангӣ Азиз Абдуҳакимов аз мо тақозо менамояд, ки шумораи пресстурҳоро афзоиш диҳем ва журналистони маҳалливу хориҷӣ имкон пайдо кунанд, ки он ҷойҳои барои сайёҳон қобили таваҷҷуҳро аввал рафта бо чашмони худ бубинанд, дар бораи он мавод интишор намоянд.

Бемуҳобот, гуфта метавонам, ки дар рӯзномаи "Овози тоҷик" аз натиҷаи ин сафарҳои матбуотӣ маводи зиёд ба табъ расидаанд, ки қобили эътироф мебошад.

Дар нишасти матбуотии навбатӣ, ки дар Агентии иттилоот ва коммуникатсияи оммавии назди Дастгоҳи Президент баргузор гардид, намояндагони вазири сайёҳӣ ва мероси фарҳангӣ оид ба корҳои анҷомдодашуда ҷиҳати такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии соҳа, дастгирии субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ, таҳкими иқтидори кадрӣ ва ҷалби сармоя маълумоти муфассал доданд.

Соли 2021 ташрифи сайёҳони хориҷӣ ба Ӯзбекистон дар маҷмӯъ ҳудуди 1 миллиону 881 ҳазору 345 нафарро ташкил намуд ва аз ин ҳисоб содири хадамоти туризм ба 422,1 миллион доллари ИМА расид. Баъди пандемия таваҷҷуҳи асосӣ ба барқарор намудани туризми дохилӣ ва роҳандозии сафарҳои мунтазами мардуми кишвар буд.

Он сол теъдоди равуокунандагон барои сафару боздид аз шаҳру вилоятҳо, хоссатан, аз шаҳри Тошканд, Ҷумҳурии Қароқалпоқистон 6 миллион нафарро фаро гирифт. Дар вилоятҳои кишварамон 133 меҳмонхонаи нав (бо 3384 ҳуҷра) ва 210 хостел (бо 1946 ҳуҷра) таъсис дода шуд.

Барои ба шабакаҳои интернет васл намудани объектҳои туристӣ соли равон 702 нуқтаи Wi-Fi ба роҳ монда шуд ва дар саросари ҷумҳурӣ ин рақам ба 3450 адад расид. Дар баробари ин, аввали сол барои беҳбуди инфрасохтори сайёҳӣ ва идоракунии дурусти самтҳои сайёҳӣ-мусофирӣ ё аз хатсайр бероҳа нашудани сайёҳон 1747 аломати нишондиҳандаи роҳи сайёҳӣ насб гардид, 437 адади он дар соли 2021 анҷом дода шудааст.

Ҳоло яке аз ҷиҳатҳои кори хуби мардуми мо барои ҷалби сайёҳон ташкил намудани меҳмонхонаҳои оилавӣ мебошад. Шумораи умумии меҳмонхонаҳои оилавӣ дар ҷумҳурӣ ба 2458 расид. Гузашта аз ин, дар амал татбиқ намудани нақшаҳо мунҷар ба он гардид, ки соли равон 137 ташкилоти нав ба сайёҳон хизмат расонад. Ҳоло шумораи умумии он ба 1 ҳазору 483 расидааст.

Дар саросари ҷумҳурӣ, ки мавзеъҳои туристиро соҳиб мебошанд, бунгоҳҳои санитариву эпидемиологӣ, шабакаҳои фурӯши сӯзишворӣ барои нақлиёт ташкил карда шуданд. Инчунин, роҳҳои зиёди мошингард тармим гардиданд.

Масъалаи дигаре, ки дар ин нишасти хабарӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд, дастгирии субъектҳои соҳибкорие мебошад, ки маҳз ба соҳаи туризм фаъолиятҳои худро равона хоҳанд кард. Агар ба таври мушаххас гуфтанӣ бошем:

– 58 нафар туроператорҳо ва гидҳо барои таҳия ва таблиғи маҳсулоти нави сайёҳӣ ва иҷрои корҳои марбут ба ин самт 510 миллион сӯм грант гирифтанд;

– барои қисман пӯшонидани хароҷоти туроператорҳо барои чиптаҳои ҳавопаймо ва роҳи оҳан ба маблағи 102,9 миллион сӯм субсид ҷудо карда шуд;

– ба ташаббускорони 4 лоиҳа барои ташкили хидматрасонӣ дар муассисаҳои хӯроки умумӣ, хариди маҳсулоти хӯроквори, инчунин таъмин намудани тӯҳфаҳои хотиравӣ 281 миллион сӯм маблағҳои грант ихтисос дода шуданд.

Метавонем ин рақамҳоро боз давом диҳем. Аммо матлаби асосӣ аз ҳамин иборат аст, ки таҳти раҳнамоии Президенти мамлакат рушди сайёҳӣ хеле аҳамияти вижа касб намудааст.

Дар соли 2021 арзиши умумии ҳамаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ 6,9 триллион сӯмро ташкил дод. Агар то охири сол 490 лоиҳаи пешбинишуда амалӣ гардад, бидуни ягон шубҳа 6 ҳазору 850 ҷойи нави кор таъсис меёбад.

Барои фарохтар намудани домани корҳое, ки марбут ба туризм мебошанд, як қатор чорабиниҳои зарурӣ маддӣ назар гирифта шудаанд. Яке аз масъалаҳои умда таъмини кадрҳо мебошад. Вазорати туризм ва мероси фарҳангӣ ба ин ҷиҳати кор низ таваҷҷуҳи хос зоҳир мекунад.

Ғайр аз 3 ҳазору 207 нафар донишҷӯёне, ки дар муассисаҳои таълимии касбии системаи вазорат таҳсил мекунанд, ҳамзамон барои 899 нафар донишҷӯёни муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ–коллеҷу техникумҳои тобеи Вазорати сайёҳӣ ва мероси фарҳангӣ дар Донишкадаи сайёҳӣ ва мероси маданӣ чорабиниҳои такмили касб гузаронида шуд.

Вазорат дар ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалие, ки дар Ӯзбекистон фаъолият мекунад (мисли ТИКА ва СЕСРИС), барои 150 нафар донишҷӯёне, ки дар муассисаҳои таълимӣ машғули таҳсил мебошанд, аз рӯйи ихтисоси туризм курсҳои омӯзишӣ ташкил намуд. Дар пайи ин, таъмини хатмкунандагони муассисаҳои туризм бо ҷойи кор платформаи электронии "travel-job.uz" ба кор андохта шуд.

Дар водии Фарғона вилояти Андиҷон дорои салоҳияти зиёди туризм мебошад. Инчунин, 27-29 июни соли равон ҳайате таҳти сарпарастии Азиз Абдуҳакимов дар ёздаҳумин иҷлосияи конфронси Вазорати туризми Созмони ҳамкории исломӣ дар шаҳри Боку ширкат кард. Дар ин ҷо шаҳри Хива ба ҳайси Пойтахти дунёи ислом эълон гардид.

**Лола РАҲМОНӢ,**
**раҳбари**
**Маркази ахбори**
**Вазорати туризм**
**ва мероси**
**фарҳангии Ҷумҳурии**
**Ӯзбекистон.**

**Мужда**

# ГУРӮҲИ ТОҶИКӢ ДАР ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БУХОРО АЗ НАВ ТАЪСИС ШУД

***Табиист, ки имрӯзҳо фикру зикри аксарияти хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва падару модарони онҳоро масъалаи идомаи таҳсил дар таълимгоҳи олии дилхоҳ банд кардааст. Албатта, ба забони модарӣ таҳсил гирифта соҳиби касбу кор ва маълумоти олӣ шуданро кӣ намехоҳад?! Дар ин бора хусусан нигаронии шогирдони мактабҳои тоҷикӣ бештар аст.***

Маълум аст, ки се сол муқаддам дар ДДБ гурӯҳи тоҷикии забон ва адабиёти тоҷик таъсис ёфта буд ва имсол донишҷӯёни ин гурӯҳ курси сеюмро хатм карда, ба курси чорум гузаштанд.

Ба қарибӣ овозаи дар Донишгоҳи давлатии Бухоро аз нав ташкил ёфтани гурӯҳи тоҷикиро шунида, он ҷо рафтем, вале мутасаддиёни кор аз ниятам огоҳ гардида, гуфтанд, ки то дастрасшавии ҳуҷҷати зарурии «боло» андак сабр кунам. Ниҳоят нисфирӯзии 4 июл масъули «Колл-марказ»-и ДДБ Сулаймон Хӯҷаев аз хабари хуш – тасдиқ шудани таъсиси гурӯҳи нави забон ва адабиёти тоҷик дар Донишгоҳи давлатии Бухоро барои соли хониши 2022-2023 моро мужда расонд. Мо аз вай хоҳиш кардем, ки дар бораи қоидаи қабул ба ин гурӯҳ маълумот диҳад.

– Ба гурӯҳи забон ва адабиёти тоҷик 25 нафар (10-нафар бо грант ва 15 нафар бо қарордод (шартнома) қабул карда мешавад. Ҳуҷҷатҳои довталабон то 20 июл бояд дастрас гардад.

**– Абитуриентони гурӯҳи тоҷикӣ кай ва аз кадом фанҳо имтиҳон месупоранд?**

– Аз панҷ фан: забон ва адабиёти тоҷик, забони хориҷӣ, математика, забони давлатӣ ва таърихи Ӯзбекистон имтиҳон (тест) месупоранд. Имтиҳонҳо аз 1 август оғоз меёбанд.

**– Сулаймон Султонович, имсол дар ДДБ чӣ дигаргуниҳо ба амал омад? Дар ин ҷо ҳоло чӣ қадар донишҷӯён таҳсил мегиранд?**

– Дар ДДБ ҳоло 24500 нафар таҳсил мегиранд. Имсол донишгоҳи мо низ соҳиби истиқлолияти молиявӣ гардид. Аз ин рӯ, дар ин ҷо дигаргуниҳои назаррас ба амал омаданд. Маълум аст, ки дар таркиби донишгоҳ Институти педагогӣ фаъолият дорад, аз ин сабаб як қатор факултетҳое, ки бо касби омӯзгорӣ алоқаманданд, шомили ин донишкада гардиданд. Бинобар ин имсол дар донишгоҳ 10-то равияи нав таъсис ёфт.

**– Имрӯз дар ДДБ кадом намудҳои таҳсилгирӣ амал мекунад?**

– Дар ин ҷо таҳсили мутахассисони оянда бо шуъбаҳои рӯзона, ғоибона, шабона ва масофавӣ сурат мегирад.

***

Бояд таъкид намуд, ки яке аз сабабҳои аз байн рафтани таълим ба забони модарӣ дар вилоят ин дар таълимгоҳҳои олӣ мавҷуд набудан, ё маҳдудии гурӯҳҳои тоҷикӣ буд. Се-чор сол муқаддам ба як рафиқи омӯзгорам – корманди мактаби собиқи тоҷикӣ гуфта будам: замон дигар шуд, фурсати кушодани синфҳои тоҷикӣ фаро расид. «Аввал дар мактабҳои олӣ гурӯҳҳои тоҷикӣ кушода шаванд», эътироз карда буд вай. Таззодро бинед, дар вилоят таҳкурсӣ – мактабҳои тоҷикӣ набошад ҳам, гурӯҳи тоҷикии таълимгоҳи олӣ кушода шуд ва табиист, ки ба вай аз вилоятҳои дигар омада бояд таҳсил намоянд.

**– Агар имсол синфи якуми тоҷикӣ сознон ёбад, вай баъди чанд сол имконияти дохилшавӣ ба мактаби олӣ пайдо мекунад?** – боз пурсидам аз омӯзгор.

– Баъди ёздаҳ сол, – ҷавоб дод ӯ.

Ғамхории давлатро бинед, ки дар ҳамин гуна шароити вилоят барои мо дар мактаби олӣ гурӯҳҳо мекушоянд.

– Ин нишонаи сиёсати оқилона ва дурандешонаи сарвари давлат аст, ки ба халқи тоҷики ҷумҳурӣ эътибор зоҳир мекунад. Боварӣ дорем, ки чунин имкониятҳо дар оянда боз ҳам зиёд мегардад. Мо бояд фарзандон, наберагони худро ба забони модариамон – тоҷикӣ хононем, қадри лафзи қадимиамонро донем. Шоир беҳуда нагуфтааст:

Ҳар кас ба забони худ сухандон гардад,
Донистани сад забон осон гардад.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**



# «ПИРИ БАДАВЛАТ»-И «ӮЗБЕКФИЛМ»

**(Ба муносибати 85-солагии Алӣ Ҳамроев)**

Чеҳраи намоёни ҳунар дар санъати кино Алӣ Ҳамроев 85-ро пур кард. Вай соли 1937 дар Тошканд ба дунё омадааст. Вале иқрор аст дар асл аз тоҷикони Фарғона буда, қарибонаш дар Риштон умр ба сар мебаранд.

Падари ӯ Эргаш Ҳамроев солҳои зиёди ҳаёти худро дар Тошканд гузаронд ва тоҷики Риштон будани худро ҳамеша зикр мекард. Яке аз ҳамсафони Ҳамза Ҳакимзода ҳисоб меёфт, ибтидои қарни бистум дар барпои нахустин театрҳои халқӣ саҳм гирифт, солҳои сиюм бошад ҳамчун сенариянавис ва актёр дар бунёду равнақи аввалин филмҳои миллӣ саҳм гирифт. Ният аст оянда дар бораи ӯ алоҳида истода гузарем. Ҳоло сухан дар бораи фарзанди арзандаи вай Алӣ Ҳамроев, ки бе офаридаҳои ӯ синамои ӯзбекро тасаввур кардан душвор.

Яке аз беҳтарин филмҳояш «Куҷоӣ, Зулфияи ман?» (ё худ «Ёр-ёр») буда, соли 1964 ба экран баромадааст. Имрӯз низ онро бо завқ тамошо мекунем. Бадеияти асар, ки хеле баланд, дар Фонди тиллоии киностудия аз хазинаҳои бебаҳост.

Аввали соли 1964 роҳбарияти «Ӯзбекфилм» ба коргардони ҷавон А.Ҳамроев (хатмкардаи ВГИК дар соли 1961) супориш дод дар жанри мазҳака филме таҳия созад. Картина бояд феълу атвори ба халқи таҳҷоӣ хосро таҷассум намояд, манзараҳои зебои диёрамон дар он акс ёбад, мазҳакаи мусиқӣ аз хандаву юмор саршор бошад. Аммо ҷавоне, ки чанде пеш Институти кинематография дар Маскавро хатм карда, дар пайроҳаи санъат аввалин қадамҳои худро мегузошт, мехост картинае офарад дар талқини драмавӣ. Аз ӯҳдаи эҷоди киномазҳака мебарояд ё не?

Он солҳо «Аҳмад дар куҷост?» ном кинокомедияи озарбойҷониҳо нав ба экран баромада, эътибори умумро ба худ мекашид. А.Ҳамроевро таскин бахшиданд вазифаро ӯҳда карданат мумкин, ба шарте, ки симоҳои намоёни адабиёт ва ҳунар дастгирӣ намоянд.

Алӣ Ҳамроев нависанда Раҳмат Файзиро ба кумак хост. Якҷо ба навиштани сенария шурӯъ сохтанд. Бо даъвати Р.Файзӣ филмноманависи ҷавон Одилшо Агишев низ ба кор ҷалб гардид. Раҳматака ба ҷавонон супоришҳои даркориро медоду аз паи ба сомон расондани корҳои дигар мешуд. Алӣ ва Одилшо шабҳои дароз дар бораи тарҳи сенария майна об мекарданд. Субҳ, ки дамид, чизҳои навиштаашонро аз назари Р.Файзӣ мегузаронданд. Адиби барӯманд ба сенария сайқал мебахшид, ба маромаи худ мерасонд. Дар давоми ду ҳафта сенария тайёр гардид. Моҷарои хонадор сохтани фарзанд мавзӯи асосӣ қарор гирифт. Мубоҳизаи «кӯҳна» ва «нав», ба ҷои хонаҳои куҳансохт барпо шудани иморатҳои бисёрошёнаи замонавӣ – кӯчбандӣ ба манзилҳои нав бояд дар картина инъикос меёфт. Саҳнаи духтари сурудхонро дар телевизион дида, ошиқ шудани ҷавон, эпизоди ба ҷои «сарпӯшак»-и носкаду истифода шудани пораи лифофае, ки дар он манзили духтар сабт ёфта буд, бофтаи хаёли Одилшост. Ба филм Р.Файзӣ ном гузошт.

Он вақтҳо дар театри драмавӣ-мусиқавии ба номи Муқимӣ спектакли «Тошболта ошиқ» аншлаг гардида ва нақши асосиро Сойиб Хӯҷаев мебозид. А.Ҳамроев актёри маъруфро ба «Ёр-ёр» даъват намуд. Ба нақши писар Бахтиёр Ихтиёровро муносиб шумурданд, ки вай баъди нақш бозидан дар «Вохӯрӣ» ном филми Элёр Эшмуҳаммедов хеле машҳур гардида буд. Коргардон саъй кард ансамбли актёрҳои номвар, аз қабили Раззоқ Ҳамроев, Ҳамза Умаров, Шукур Бурҳонов, Турсуной Ҷаъфарова, Ғанӣ Аъзамов, Олим Хӯҷаев, Раҳим Пирмуҳаммедов ва дигаронро низ ҷалб намояд. Ҳар кадоме аз ин чеҳраҳои ҳунар имкониятҳои эҷодӣ, маҳорати касбии худро ба тарзи хос намоиш доданд. Вале ҳар як образ, ҳар талқин асосан аз халқ гирифта мешуд, сайқал меёфт, ба экран мекӯчид. Вақте ба яке аз эпизодҳо Ш.Бурҳоновро таклиф карданд, гуфт ки бемор аст, наметавонад.

Алӣ Ҳамроев қарор дод «сёмка»-ро дар ҷое, ки ба манзили ӯ наздик аст, кӯчонад. Актёр бо либоси хонагӣ, дар пой шиппак ба кӯча баромаду ба ҳолу ҷонаш нагузошта ба вай формаи полковники милитсияро пӯшонданд, мӯйлаб часпонданд.

О.Хӯҷаев бо ихтиёри худ ба майдончаи навор омад. Бо табассум пурсид, ки ба ман ҳам ягон нақш ҳаст? А.Ҳамроев гуфт, ягон «роли калон» намонд. Эпизоди хурд ҳам шудан мегирад, гуфт О.Хӯҷаев. Худи ҳамон рӯз ҳунарвари мардумиро ба аэропорт гирифта бурданд. Вай нақши роҳбари парашутчиҳоро бозид.

Шинокунон бо азобе дарёро убурсозии падару писар, якбора ба роҳ даромадани мошине, ки истода буд, эпизоди афсонагии С.Хӯҷаев ба хурдакакон ҳарчанд дар сенария ҷой доштанд, дар ҷараёни навор сайқал ёфтанд, рангину ҷилодор шуданд. Дар кино импровизатсия як ҳолати табиист.

Сенария дар фасли баҳор навишта шуд, тобистон «сёмка» давом намуд, тирамоҳ нахустнамоиш баргузор гардид. Премера ба иди ҳақиқии кино табдил ёфт. Филм дар давоми 40 рӯз дар 10 сеанс намоиш ёфта бошад ҳам, барои моҳҳои оянда билетҳо аллакай фурӯхта шуда буданд. Ягон филм ба ин дараҷа ба «шав-шув» сабаб нашуда буд. Қисми асосии актёрҳое, ки дар «Ёр-ёр» нақш бозидаанд, ҳоло дар қайди ҳаёт нестанд. Чанде пеш санъаткори дӯстдоштаамон Бахтиёр Ихтиёров низ зиндагиро падруд гуфт.

Саҳнаи дар болои бом ҳунарнамоии раққоса (Гулнора Маваева) дар хотиратон? Дар кунҷи бом мӯйсафеди нуроние духтарчаи сесоларо болои зону нигоҳ дошта нишастааст. Ба духтарча мегӯянд, ки бо табассум рақсро тамошо кунад. Вале вай дар ҳарос, ба гиря карда фиристоданаш саҳл мондааст. Он духтарча фарзанди кинооператор Турдӣ Нодирови зиндаёд Фирӯза мебошад, ки ҳоло киношинос аст. Фирӯза Нодироваро аз рӯи мақолаҳояш дар бораи ситорагони санъат низ хуб мешиносем.

Филмҳои дигари коргардон А.Ҳамроев низ барорнок баромада, дар синамои миллӣ ҷойгоҳи муносиб доранд. Қисме аз картинаҳояш оиди мубориза алайҳи босмачигарӣ («Комиссари фавқулодда», 1970). «Тири ҳафтум», 1972). Филми таърихии ӯ «Одам аз паси паррандагон меравад» (1975) дар чанде аз киноҷашнвораҳои байналхалқӣ соҳиби мукофот шудааст. «Лаклакҳои сафед», «Тобистони гарми Кобул», «Арӯс аз Водил», «Ту дар хотирам», «Боғи орзу», «Бо Ба Бу» барин картинаҳояш, ки дар мавзӯъҳои гуногунанд, дар байни бинандагони хориҷӣ низ маҳбубият пайдо кардаанд.

Муаллифи сенарияи 8 филм аст ва чун филмноманавис низ ном баровардааст. Бо филмофарони итолиёвӣ ва маскавӣ аз наздик ҳамкорӣ кардааст. Чун коргардони беҳтарин дар фестивалҳое, ки дар Ҳиндустон ва Италия баргузор шудаанд, эътироф шудааст. А.Ҳамроев ҳанӯз соли 1971 лауреати Мукофоти давлатии ба номи Ҳамза гардида буд. Ходими хидматнишондодаи санъати Ӯзбекистон аст. Дар Маскав зиндагӣ кунад ҳам бо «Ӯзбекфилм» аз наздик ҳамкорӣ менамояд.

**М. ШОДИЕВ.**

# ДАР САТРҲОИ МУХТАСАР

Чанде қабл дар Кӯҳистони Бадахшон ду қуллаи баланд ба номи шоирони мардумии Тоҷикистон — Мирсаид Миршакар ва Муъмин Қаноат гузошта шуд.

***

Шумораи дуюми маҷаллаи (фаслнома) адабӣ, илмӣ ва фарҳангии тоҷикони Ӯзбекистон — «Дурдонаи Шарқ» нашр шуд. Фаслнома дар як сол чор маротиба нашр мешавад. Нархи обунаи солона 100 ҳазор сӯм аст.

***

Китоби журналисти касбӣ, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Фарғона Мирасрор Аҳроров тахти номи «Орзу ва ормон» рӯйи чопро дид. Ин китоби дуюми хабарнигор аст. Китоби аввалааш «Баҳор боз меояд» ном дошт.

Дар китоби «Орзу ва ормон» муаллиф матолиби публитсистии дар солҳои гуногун таълифнамудаашро гирдоварӣ кардааст. Хонанда дар он бо тафсилоти сафарҳои хидмативу корӣ ва гардишгариҳо ба Тоҷикистону Эрон, Туркия ва Афғонистону Қирғизистон ошно мегардад. Матолиби китоб ба одамони касбу кори гуногун бахшида шудаанд.

***

Рӯзҳои наздик дар вилояти Бадахшони Тоҷикистон иншооти нав — боз як нақби мошингузар ба истифода дода хоҳад шуд.

***

Дар Донишгоҳи соҳибкорӣ ва омӯзгории Деҳнави вилояти Сурхондарё барои довталабони тоҷик чунин ихтисосҳо кушода шуд:

1. Таҳсилоти томактабӣ – 5 нафар грант, 15 нафар бо шартнома.
2. Таълими ибтидоӣ – 5 нафар грант, 10 нафар бо шартнома.
3. Математика ва информатика – 5 нафар грант, 10 нафар бо шартнома.
4. Биология – 5 нафар грант, 10 нафар бо шартнома.

**А. КОМРОН.**



*Умеда Амонқулова яке аз бисту панҷ нафар хонандагони аълохони ноҳияи Мирзочӯли вилояти Ҷиззах аст, ки синфи ёздаҳуми мактаби рақами 9-уми таҳсилоти умумиро бо медали тилло хатм намуд. Умеда ният дорад дар оянда ҳуқуқшинос шавад.*
***Суратгир: Раҳимшоҳи ШАРИФЗОДА.***

**Зикри хайр**

# ДАР СИТОИШИ ЯК МАРДИ ХИРАД

Барои ба чоп омода кардани очерки «Дар кӯйи некномӣ» бойгонии хешро аз назар мегузаронидам.

Ногаҳон чашмам ба мусавадаи шодравон Фатҳуллоҳ Намозов афтод. Дастхатро ба даст гирифтам. Пеши назарам симои барҷастаи ин марди ҳушманду хубгуфтор чун навори синамо гирд мегашт. Як сол қабл аз ин бо хоҳиши банда вай очерки мазкурро аз забони тоҷикӣ ба забони ӯзбекӣ тарҷума карда буд. Навиштаҳои домуллоро бодиққат аз назар мегузаронам: хати хоно, чун нақшу нигор дар рӯи коғаз чунон тасвир шуда буд, ки он беихтиёр диққати ҳар бинандаро ба худ ҷалб мекард. Дар ягон ҷумла ҳарфу ҳиҷои нодуруст хат кашида дубора рӯйбардор нашуда буд.

Бо домулло дар кӯчаҳо, идораи рӯзнома вомехӯрдем. Ӯ бо мо самимӣ вохӯрда аз аҳволи банда ва аз кору эҷоди мо огоҳ мегашт. Боре дар яке аз ин вохӯриҳо баъд аз ҳолпурсӣ даъфатан гуфт: – Ҳикояи «Кобул Бухоро нест»-ро хондам. Хеле табиӣ ва хонданбоб навиштаед. Сарнавишти муҳоҷирон, воқеан шӯрангез аст. Дар ин мавзӯъ навиштанро идома диҳед.

Аз ин гапҳои ӯ хурсанд шуда гуфтам:

– Раҳмат домулло, агар онро ба забони ӯзбекӣ тарҷума мекардед, аз шумо сипосгузор мебудам.

– Марҳамат, ба ҷону дил, – даъфатан иброз намуд ӯ.

Ҳамин тариқ домулло ҳикояро тарҷума кард. Он дар рӯзномаи вилоятии «Сурхон тонги» чоп шуд.

Фатҳуллоҳ Намозов баъд аз нафақа баромадан мисли дигар бозмондагони кору меҳнат рӯзи дароз, як гӯшаи чойхонаро гирифта, бо ҳамсолонаш гап намефурӯхт. Ӯ дар баробари панҷ вақт намоз хондан, асарҳои гуногуни динӣ, осори классикаи Шарқ, асарҳои адибони ҷаҳонро мутолиа мекард. Ӯ тарҷумони хубе буд. Чандин қиссаву романҳои адибони ҷаҳонро аз забони русӣ ба ӯзбекӣ тарҷума кард. Фатҳуллоҳ Намозов ашъори Шайх Аттор, Мавлавии Балхӣ, Ҳофиз, Саъдии Шерозӣ, Ҷомӣ, Навоӣ ва Бобурро хеле дӯст медошт ва онро гаштаву баргашта мутолиа мекард. Дар мавридҳои лозимӣ дар бораи ин бузургон ба рӯзномаҳо мақолаҳо иншо мекард. Домулло бо эҷодкорони рӯзномаи «Бойсун» ҳамкории доимӣ дошт.

Боре пурсидам, ки шумо осори адибони форс-тоҷик ва ӯзбекро хеле хуб медонед, ҷаро ягон мавзӯеро интихоб карда бо кори илмӣ машғул нашудед. Ӯ бо таассуф гуфт: – Аслан мақсади банда пас аз хатми Донишгоҳи давлатии Самарқанд ҳамин буд. Устодон Воҳид Абдуллоев ва Ботурхон Валихӯҷаев ҳаминро аз ман мехостанд, вале сад афсӯс мушкилиҳои рӯзгор барои амалӣ гаштани ин ниятам имкон надод.

Фатҳуллоҳ Намозов воқеан марди донишманде буд. Ӯ аз донишу маърифати баланди хеш ҳеҷ ҳавобаланд набуд. Хоксорӣ, фурӯтанӣ ба хӯю хислати вай чуқур реша давонида. Дар мавриди суҳбат ва гуфтугӯ надидам, ки бо касе манманиву худситоӣ карда бошад. Ӯ табиатан марди ҳушманд, ҳалим ва хубкирдоре буд. Пиндори нек, гуфтори нек ҳамеша сари забонаш гирд мегашт. Ин накӯияшро ҳамкорон, ҳамтоёнаш дар айёми дар қайди ҳаёт будан ва пас аз фавташ мудом чун намунаи ахлоқи неки инсонӣ мисол меоранд.

Чуноне ки дар боло арз кардем, ҷону дили устод асарҳои шоирони классикӣ буд. Мо ин ҷо чанд байти шоири бузурги адабиёти форсу тоҷик Фариддуддини Атторро, ки ӯ эҷодиёти ин нобиғаи бузургро мепарастид ва пайваста онро мутолиа мекард, аз маснавии пандомези «Футувватнома» чанд байтеро меорем. Гумон мекунам, ки он писанди шумо низ мегардад. Гӯянда дар ин чанд байт тавонистааст, ахлоқи хуби ашхоси накӯхислатро бо маҳорати баланд ташвиқу тарғиб мекунад, барои мову пасовандагон.

*Макун бад бо касе,*
*к-ӯ бо ту бад кард,*
*Ту некӣ кун, агар ҳастӣ*
*ҷавонмард.*
*Забонро дар бадӣ*
*гуфтан маёмӯз,*
*Пушаймон меҳрӣ ту ҳам*
*яке рӯз.*
*Туро он гаҳ беҳ ояд*
*мардиву зӯр,*
*Ки бинӣ хештанро камтар*
*аз мӯр.*

**Нуралӣ РАҶАБ.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

# АСБОБҲОИ ОРТОПЕДӢ БА КИҲО ДОДА МЕШАВАНД?

***Моҳияти Қарори Девони Вазирон “Дар хусуси тасдиқ кардани оинномаи тартиби таъмин кардани шахсони ниёзманд бо асбобҳои ортопедӣ ва воситаҳои техникии офият”, ки 1 июни соли 2021 қабул гардидааст, чӣ гуна аст? Оё ин василаҳо ройгон дода мешаванд?***
***Бо ин ва дигар суолҳо хабарнигори ҷамоатии “Овози тоҷик” ба раиси комиссияи экспертии тиббиву иҷтимоии психиатрияи вилояти Самарқанд Фурқат ЭГАМОВ муроҷиат кард.***

**– Мақсади асосии қабулшавии Оинномa дар чист?**

– Оинномаи зикрёфта тартибу низоми таъминкунии шахсони ногиро, аз ҷумла кӯдакони маъюб ва фардони дар синну соли бознишастагӣ қарордошта, аммо маъюбӣ надоштаи ниёзманди асбобҳои ортопедӣ ва воситаҳои техникии реабилитатсияро муайян мекунад.

**– Оё чунин асбобҳои ортопедӣ ройгон дода мешаванд?**

– Шахсони муҳтоҷ ба асбобҳои ортопедӣ ва воситаҳои техникӣ барои реабилитатсия аз ҳисоби маблағи давлатӣ таъмин карда мешаванд. Додани воситаҳои ортопедии дилхоҳ ва васоили техникӣ ба коргоҳҳое, ки бо коркард ва фурӯши онҳо машғуланд, тавассути сертификат амалӣ карда мешаванд. Чунин сертификат барои харид кардани асбобҳои ортопедӣ истифода мешавад.

**– Шахсоне ҳам ҳастанд, ки чунин асбобҳои ортопедӣ ва техникиро аз ҳисоби худ харидаанд. Нисбати онҳо дар Оиннома нуктае ҳаст?**

– Агар шахси ногироидошта дар дастури барои реабилитатсия дарназардоштташуда ва тартиби муайяншуда ҳуқуқи таъминшавии ройгонро дошта бошад, аз ҳисоби худ пули воситаҳои техникӣ ва хидматҳои техникиро дода бошад, ба вай ҷубронпулии баробар мутобиқи Қарори Девони Вазирон аз 17 декабри соли 2009 “Дар хусуси тасдиқ кардани Оиннома доир ба тартиби пардохти ҷуброн барои хариди воситаҳои техникии реабилитатсия ё ки хидматҳои расондашуда”- дода мешавад.

**– Агар шахс дар кор ҷароҳат бардошта, ё ки мубталои беморӣ аз кору касб шуда бошад, ба вай давлат кумак мерасонад?**

– Не. Ба ходимҳои ниёзманд, ки ҳангоми иҷрои вазифа ё ба он алоқаманд, бемориҳои касбӣ ё дигар осебҳои ба саломатии онҳо расондашуда, ки дар натиҷа ниёзманди асбобҳои ортопедӣ ва воситаҳои техникӣ гардидаанд, пули онҳо аз ҳисоби маблағи ҷавобгар (масъул) ё ин ки кордеҳ пардохт карда мешавад.

**– Барои гирифтани асбобҳои ортопедӣ оё хулосаи тиббӣ лозим аст?**

– Ба шахсони муҳтоҷ асбобҳои ортопедӣ ва воситаҳои техникӣ барои реабилитатсия дар асоси хулосаи тиббии комиссияи экспертии тиббӣ-иҷтимоӣ, ё ин ки комиссияи тиббӣ-машваратӣ дода мешаванд.

Мусоҳиб **Ӯктам ИБРОҲИМ.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-725. Адади нашр 4716 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
С. Бекназарова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 22.00

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.